# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). –Хуҷанд, 2025. -169 с.**

Забони тоҷикиро «рукни муҳимми ҳувияти миллӣ» номидани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесабаб нест, чунки забони миллат сутуни давлати миллӣ, муаррифгари миллати куҳанбунёд маҳсуб ёфта, бузургтарин осори гузашта бо ин забони ноб навишта шудааст. Забони тоҷикӣ дар таърихи тӯлонии хеш арзи ҳастӣ намуда, халқи мутамаддини тоҷикро дар арсаи таърих бо донишу заковат тарбия карда ба воя расонидааст ва осори безаволи гузаштагонашро то имрӯз ҳамчун мероси пурбаҳо ба мо боқӣ мондааст. Ба шарофати забон мо таърихи гузаштаи худ ва фарҳанги ниёконамонро меомӯзем, таҷриба ва сабақи гузаштагонро барои рушду нумуъ ва пешрафти зиндагии хеш сармашқи корамон қарор медиҳем. Забон чеҳраҳои на танҳо дар байни миллати хеш маълуму машҳур, балки дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун тоҷику тоҷикзабон шинохташаванда, ба монанди Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Ҳофизи Шерозӣ, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва даҳҳо донишмандону равшанфикрони дигарро муаррифӣ менамояд.

Ҷойи дигар Пешви муаззами миллат қайд менамоянд, ки “Имрӯз Тоҷикистон аз ҷиҳати боигарии забонӣ низ мисли як осорхонаи таърихи зинда аст. Чандин забонҳои қадимаи мутааллиқ ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дар Бадахшон ва Яғноб, дар болооби дарёи Зарафшон ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Ин забонҳо як лабораторияи бебаҳои таърихи забон буда, онҳоро ҳифз кардан ва ҳарчи беҳтар аз лиҳози илмӣ, хосатан этнолингвистӣ, омӯхтан зарур аст”.

Забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ аз бисёр ҷиҳат бо ҳам шабоҳат дошта, дар худ як қатор хусусиятҳои забонҳои бостонӣ ва миёнаи эрониро ҳифз кардаанд. Агар ба решаи аслии ин ду забон нигарем, аён мегардад, ки ҳар дуи онҳо идомаи як забони куҳан буда, ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб мебошад. Бинобар ин, аз нигоҳи таърихӣ, сохторию маъноӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтани замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ дар диссертатсияи **Самадов Рамазонӣ Саидназарович**, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти мавзуи диссертатсияи** Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба таҳқиқи забоншиносии замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ пажуҳиши диссертатсионии алоҳида анҷом наёфтааст. Мавриди зикр аст, ҳамин

паҳлуи масъаларо ба назар гирифта, мавзуи диссертатсияи дараҷаи илмии Самадов Рамазонӣ Саидназаровичро метавон мубрам арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ қайд менамояд, ки "Бори аввал роҳҳои ташаккули шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ муқоиса гардида, тафовут ва монандии онҳо нишон дода шудааст ва дар тули таърихи дурударози инкишофи ин забонҳо сабаби аз ин унсури грамматикӣ маҳрум шудани яке аз забонҳои мавриди муқоиса (тоҷикӣ) ва дар дигаре (яғнобӣ) пойдор мондани он ошкор карда шудааст" (Диссертатсияи, С.14).

Диссертатсия дар заминаи осор ва таълифоти бунёдии муҳаққиқони ватанию хорӣ, ба мисли М.Н. Боголюбов, Ҷ. Юнкер, Д.И. Эделман, С.Н. Соколов, А.А. Фрейман, В.С. Расторгуева, А.К. Гулакян, В.А. Лившитс, Б.В. Миллер, А.Л. Хромов, А. П. Видрин, С. Ализода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Н. Маъсумӣ, М. Баҳор, Б. Қариб, З. Заршинос, М. Самадӣ, М. Ризоятӣ, М. Олиҳӣ, Ҳ. Боғбедӣ М. Исҳоқов, Ӯ. Аҳмадова, С. Ҳалимиён, Д. Саймиддинов, А. Ҳасанзода (Ҳасанов), З. Мухторов, Ф. Шарифова, С. Мирзоев ва дигарон таълиф гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таълифи рисола аз сарчашмаҳои фаровони илмӣ, луғатномаҳо, махсусан, луғатҳои этимологӣ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш дар асоси навгониҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст: 1) нахустин маротиба сайри таърихии аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба таври густарда таҳқиқ карда шуда, даврони фаъол/ғайрифаъол будани он дар бунёди замони гузаштаи феъл ошкор гардидааст; 2) бори нахуст таърихи вижагиҳои корбурди аугмент дар се давраи инкишофи забонҳои эронӣ амсоли порсии бостон, авестоӣ, суғдӣ, хоразмӣ, толишӣ, яғнобӣ муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст 3) аввалин маротиба ба таври муфассал сабабҳои дар мавқеъҳои гуногуни таркиби феълҳои мухталифсохтор ҷойгир шудани аугмент дар забони яғнобӣ нишон дода шудааст; 4) бори аввал роҳҳои ташаккули шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ муқоиса гардида, тафовут ва монандии онҳо нишон дода шудааст ва дар тули таърихи дурударози инкишофи ин забонҳо сабаби аз ин унсури грамматикӣ маҳрум шудани яке аз забонҳои мавриди муқоиса (тоҷикӣ) ва дар дигаре (яғнобӣ) пойдор мондани он ошкор карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** метавонад дар оянда барои ошкор шудани гиреҳи муаммоҳои ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои ҳиндуаврупоӣ, бахусус тоҷикиву яғнобӣ, мусоидат намуда, дар мисоли корбурди аугмент тағйироти ҷиддии сифатии рӯйдодаро дар сохтори забон ошкор намояд. Инчунин маводи диссертатсия баҳри такомул ёфтани тасаввуроти аҳли пажуҳиш дар мавриди таҳаввули шаклҳои замонии феъл мусоидат кунад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар аст, ки натиҷаҳои онро дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ истифода намуда, бахшҳои алоҳидаи диссертатсияро бошад дар таълими фанҳои интихобӣ барои ихтисосҳои

забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз назари забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 15 банд фароҳам омадаанд. Инчунин, дар бахши тавсияҳо, ки аз 5 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб (ҳар боб дорои фаслу зерфаслҳо мебошад), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи диссертатсия ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл”** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Дар **фасли аввал** мавқеи аугмент дар забонҳои юнонии қадим, арманӣ, фриқӣ, санскрит ва ведоӣ таҳқиқ карда шудааст. Зимни баррасӣ муаллиф ба натиҷае мерасад, ки аугмент хоси оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, дар дигар оилаи забонҳо ба чашм намерасад.

Махсусиятҳои аугмент дар забонҳои бостонӣ ва миёнаи эронӣ дар **фасли дуюми боби** мазкур баррасӣ гардидааст. Диссертант дар ин фасл дар феълҳои содаву сохти забонҳои порсии қадим ва авестоӣ мавқеъ гирифтани аугмент, роҳҳои зуҳур ва махсусиятҳои аугмент дар забони суғдӣ, мавқеи намоён доштани аугменти **m** дар забони хоразмӣ, таҳаввули замони гузаштаи феъл дар забони порсии миёна ва дар ин натиҷа азбаёнравии аугментро баррасӣ намудааст.

Боби дуюм **“Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ”** ном дошта, фарогири ду фасл ва зерфаслҳо мебошад. **Унвони фасли аввал “Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли дар забони толишӣ”** буда, дар он сухан аз мавқеи аугмент дар феълҳои сода ва сохтаи забони толишӣ рафтааст. Таъкид шудааст, ки дар гӯишҳои марказӣ аугмент дар шаклҳои сода ва дар гӯиши шимолӣ бошад дар шакли ҳикоягии замони гузаштаи феъл қарор дорад.

**Фасли дуюм “Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ”** унвон дошта, дар он нахуст сухан аз маълумоти умумӣ дар бораи феъли забони яғнобӣ рафта, баъдан вижагиҳои аугмент дар аввал, мобайни пешванду реша ва феълҳои таркибии номиву феълӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мавҷудияти феълҳои сохта дар забони яғнобӣ яке аз масъалаҳои баҳснок дар забони яғнобӣ мебошад. Зеро феълҳо

дар забони яғнобӣ аз лиҳози сохтор то кунун ба шалҳои сода ва таркибӣ ҷудо мешуданд. Унвонҷӯ муътакид аст, ки пешванди **на-** дар забони яғнобӣ шакли инкории феъл месозад ва аз ин рӯ мавҷудияти феълҳои сохтаро дар забони мазкур эътироф менамояд.

Мавқеи аугмент дар феълҳои таркибии забони яғнобӣ дар зерфасли охир баррасӣ гардидааст. Дар радифи нишон додани мавқеи аугмент дар феълҳои таркибии феълӣ, инчунин дар бораи хусусиятҳои сохтории феълҳои таркибии феълӣ низ нишон дода шудааст. Зеро то кунун дар бораи махсусиятҳои феълҳои таркибии феълии забони яғнобӣ таҳқиқе ба анҷом нарасидааст.

Боби севум **"Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ"** ном дода шуда, аз ҳафт фасл иборат аст. Дар боби мазкур шаклҳои кунунии замони гузаштаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Аз баррасии боби мазкур аён мегардад, ки дар истеъмоли шаклҳои замони гузаштаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ бо вуҷуди монандҳо, инчунин тафовутҳо ба чашм мерасанд, ки инҳо мебошанд: а) бештар будани имкониятҳои забони тоҷикӣ нисбат ба яғнобӣ дар ташаккули шаклҳои замони гузаштаи феъл; б) мавқеи намоён доштани аугменти **а-** дар ташаккули шаклҳои замони гузаштаи сода ва ҳикоягӣ дар забони яғнобӣ; в) истеъмол нашудани феъли ёридиҳандаи истодан дар шаклҳои гузаштаи дури давомдор (муайян) ва дури давомдори (муайян) нақлии забони яғнобӣ.

**Хулосаи диссертатсия** аз 15 банд иборат буда ҳар як банди хулоса бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта, масъалаҳои дар диссертатсия баррасишударо дар бар мегирад.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири 4 бахш буда, аз адабиёти илмӣ, аз ҷумла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, фарҳангномаҳо, сарчашмаҳои интернетӣ ва манбаъ таркиб ёфта, дар маҷмуъ аз 142 номгӯй иборат мебошад.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақола нашр гардидааст, ки 6 тои он дар маҷаллаҳои ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, дар диссертатсия ва автореферат баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мегарданд, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1.Диссертатсия "Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ" ном дорад, аммо танҳо як боби диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ бахшида шудааст. Ба назари мо, беҳтар мебуд, ки муҳаққиқ ҳадди ақал мавзуъро дар ду боб ҳаллу фасл мекард.

2.Муҳаққиқ дар рисола бархе истилоҳотеро ба кор бурдааст, ки аслан дар забоншиносии тоҷик маъмул нестанд. Чунончи, ғарбиэронӣ (саҳ. 6), шарқиэронӣ (саҳ. 6), забон-асоси ҳиндуаврупоӣ (саҳ. 8), забони немисӣ (саҳ. 17), забон-асоси фарзии ҳиндуавруопӣ (саҳ. 19), забони македонӣ (саҳ. 21), забони фриқӣ (саҳ. 27), забони ҳинду (саҳ. 20). Муҳаққиқро зарур буд, ки аз истилоҳоти роиҷи забоншиносии тоҷик истифода мекард.

3.Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки истилоҳи аугментро шарҳ бидиҳад ва муродифу муодили онро пайдо намояд. Аммо дар анҷоми ин кор танҳо ба чанд сомонаи интернетӣ такя намудааст. Муҳаққиқ бояд барои шарҳи дурусту комил ва пайдо намудани муродифи он ба фарҳангҳои тафсирӣ, решашинохтӣ ва соҳавӣ муроҷиат мекард.

4.Зимни баррасӣ ва ҳалли бархе аз масоили марбут ба замони гузаштаи феъл дар забонҳои эронӣ муҳаққиқ бевосита ба сарчашмаҳои илмӣ руҷуъ накардааст. Чунончи, зимни баррасии феъли забони авестоӣ назари забоншиносон – П. Тедеско, А. Мейе, Х. Нюберг, К. Гоффман ва В. Ҳенингро дар такя ба китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров овардааст (саҳ. 38). Ва ё ҷойи дигар андешаи забоншиноси эронӣ – Ризо Боғбедиро оварда, ба забоншиноси тоҷик Ф. Шарифова истинод медиҳад (саҳ. 39). Муҳаққиқ бояд бевосита ин сарчашмаҳоро мутолиа ва истифода мекард.

5.Гоҳе дар баррасии бархе масоили марбут ба феъл танҳо ба андешаи муҳаққиқони дигар истинод карда мешавад ва мавқеи худи диссертант ноаён мемонад. Чунончи, дар сафҳаҳои 38-39, 49-50 ва 66 ҳамаи сархатҳо иқтибос аз дигар муҳаққиқон ҳастанд. Ба назари мо, дар кори илмӣ ин равиш қобили пазироӣ нест.

6.Бархе андешаҳои муаллифи диссертатся баҳснок ба назар мерасанд. Чунончи, муаллиф зимни баррасии аугмент дар забони хоразмӣ чунин навиштааст: “Забони хоразмӣ ба шохаи шимолишарқии забонҳои шарқиэронӣ мансуб буда, пешомади ин забон ба мо маълум нест. Бино ба назари гурӯҳе аз пажуҳишгарон, он низ давоми яке аз лаҳҷаҳои Авесто ба шумор меравад” (саҳ. 51). Диссертант барои исботи ин андеша танҳо қавли забоншиноси эронӣ Зухраи Заршиносоро меорад. Чун муҳаққиқ “гурӯҳе аз пажуҳишгарон” гуфтааст, бояд назари муҳаққиқони дигарро ҳам ин ҷо меовард.

7. Номи бархе аз забоншиносонро ба шаклҳои гуногун овардааст: Панини (саҳ. 28), Панинӣ (саҳ. 28).

8.Дар сафҳаҳои диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобат ва техникӣ ба назар мерасад (саҳ. 4, 5, 6, 7, 8, 9, 12, 13, 14, 16, 19, 20, 21, 30, 32, 35, 36, 39, 41, 43).

Камбудию норасоиҳои номбаршуда, моҳият ва қимати илмии кори диссертатсионии Самадов Рамазонӣ Саидназаровичро халалдор намесозад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология, (6D020502 – Забони тоҷикӣ) аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**

номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Муслимзода Ҳайдар Абубакр

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63\3,
хонаи 1, ҳуҷраи 306.
Тамос: (+992) 907931094
E-mail: haidar.m@mail.ru

**Имзои** номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Муслимзода Ҳайдар Абубакрро **тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назоратӣ
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Абдуназаров Азизҷон Ҷумахонович

Суроға: Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63\3,
Тамос: +992(37)234-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Сомона: www. tut.tj

«04» сентябри соли 2025